# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки падидаи ахлоқ ҳамчун соҳаҳои муҳими фаъолияти инсон муайян гардида, дар раванди инкишофи ҷомеа ҳамеша таваҷҷӯҳи одамонро ба сарчашмаҳои маънавиёт, ахлоқи олӣ ва тарбия дар рӯҳияи инсондустӣ ҷалб менамояд. Бинобар ин, вобаста ба талаботи ҳаёти ҷомеа, омузиш ва аз худ намудани таълимоти ахлоқии файласуфону олимон зарурати ҳар як давру замон мебошад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол тафаккури нави созанда, шуури нави ахлоқӣ, ки онро ҳамин вазъи нави таърихӣ ба миён овардааст, ҷомеашиносонро водор месозад, ки ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷомеа, аз ҷумла дастовардҳои илму маориф диди тозае пешниҳод намоянд. Афкори ахлоқии А. Берунӣ аз зумраи таълимотҳое мебошад, ки дар амалишавии шуури нави ахлоқии насли имруза метавонад заминагузор бошад. Мустақилияти фикрии диссертант Мирзоев С.С шаҳодат аз он медиҳад, ки мавзуи интихобшуда барои пешрафти ҷомеаи имрузаи Тоҷикистон аҳамияти калон дошта, ҷиҳати эҳё намудани арзишҳои ахлоқии мардуми тоҷик саҳми калон мегузорад.

Диссертант Мирзоев С.С соли 1993 ба факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ дохил шуда, соли 1998 онро бо ихтисоси филолог, забон ва адабиёти рус хатм намудааст. Аз соли 2002 то инҷониба дар кафедраи фалсафаи донишгоҳи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Мирзоев С.С. аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум, ки "**Шароитҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ**" ном дошта, дар он масъалаҳои шароитҳои иҷтимоию сиёсии даврони Абурайҳони Берунӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюм, ки "**Андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ**" номгузорӣ шудааст, проблемаҳои ҳаёт ва мероси фалсафию ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ва ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Абурайҳони Берунӣ таҳлил гардидаанд

Дар боби сеюм "**Нақши ақидаҳои фалсафӣ – ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон**" масъалаҳои фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии мутафаккир, аҳаммияти андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ барои замони муосир таҳлилу баррасӣ карда шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидааст. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки пандҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Таълимоти ӯ метавонад ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли нав ва тамоми ҷомеа истифода гардад. Гарчанде ки мо дар асри XXI зиндагӣ дорем ва аз муҳити асримиёнагӣ ба куллӣ фарқ мекунем, аммо масоили марбут ба нафси инсон ва идоракунии он тавассути ақл то ҳол муҳим боқӣ мондаанд. Омӯхтани усулҳое, ки Берунӣ барои тарбияи ахлоқӣ ва шаклгирии хислатҳои нек пешниҳод намудааст, имрӯз низ метавонад самаранок истифода шавад.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ( қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри моли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05-Илми ахлоқ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбар илмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
сарходими илмии шуъбаи Шарқи
Миёна ва Наздики Институти
омузиши давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Шамолов А.А

“03” апрели соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Ш.Холов, ҳуҷраи 101
Телефон (+992) 200175858
E-mail: vohid_1958@mail.ru
Имзои А.А.Шамоловро тасдиқ мекунам.
сардори шуъбаи кадрҳои Институти
омузиши давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Эгамова У.Я

**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,
хиёбони Рудакӣ 33,
Телефон (+992) 221-03-28
E-mail: osiyoavrupo.tj
“04” апрели соли 2025.